**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи “Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич соли 2001 пас аз хатми мактаби миёна ба факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур аз рӯйи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда, соли 2006 муассисаи олии номбурдаро хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳ то ба ҳол дар вазифҳои гуногуни зерин фаъолият намудааст: солҳои 2007-2013 - ассистенти кафедраи гумрук ва ҳуқуқи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат; солҳои 2013-2014 - ҷонишини декани факултети баҳисобгирӣ-иқтисодӣ оид ба таълими Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат; солҳои 2014-2016 - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва гумруки Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат; солҳои 2016-2018 - муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон; солҳои 2018-2020 - декани факултети иқтисодии муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи махсусгардонидашуда”-и шаҳри Бохтар; солҳои 2020-2022 – ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; аз моҳи сентябри соли 2022 то ҳол - муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор карда истодааст. Ҳамзамон аз сентябри соли 2022 муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Ҳамчунин бо фармоиши ректори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон тахти №32/и аз 19.02.2018 с. бо ҳайси унвонҷӯ ба кафедраи менеҷменти молиявӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10. - Молия, гардиши пулӣ ва қарз, қабул карда шуда, бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тахти №12/И-а аз 01.02.2021 сол аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, хатм намуд.

Амиров М.С., ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотии худ, дараҷаи баланди мустақилият ва кордониро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назариявӣ - услубии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин Амиров М.С. ҳамасола дар конференсияҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаю фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Сатҳи дониш ва услубҳои омӯзиши унвонҷӯ Амиров М.С. ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат намуда, ҳангоми кор бо диссертатсия унвонҷӯ худро ҳамчун таҳқиқотчии илмӣ, сари вакт иҷрокунандаи супоришҳои вобаста ба иҷрои рисолаи илмӣ ва худро ҳамчун масъулиятшинос нишон дода тавонист. Хислати серталабӣ, ташкилотчигӣ ба ӯ имкон дод, то натиҷаҳои бадастомадаро ҳаматарафа таҳлилу таҳқиқ

намуда, услубҳои зарурии таҳқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намояд.

Умуман, Амиров М.С. дар давоми таҳсил худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро дуруст баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ намудааст. Дар ҷараёни корӣ ӯ доираи васеи адабиёти ватанию хориҷиро вобаста мавзуи таҳқиқот омӯхта, таҷрибаи кории бахши таҳқиқшавандаро дуруст омӯхтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум аз ташкили фаъолияти самаранокии устувори молиявию иқтисодии корхонаҳои саноатии кишвар вобастагӣ дорад. Алалхусус дар амалинамоии ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - саноатикунонии босуръат, тақвияти нақши корхонаҳои саноатии ватанӣ, аввалан дар таъмини рақобатпазирии онҳо чӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, дуввум, ҷалби сармоя ва қарзҳои дарозмуддатро барои азнавсозии базаи технологии онҳо, ки бо хароҷотҳои молиявӣ алоқаманд аст, раванди идоракунии самаранокии онҳоро талаб мекунад.

Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф таҳқиқи назарияҳо, омилҳо, усулҳо ва таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ оид ба арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва истифодаи он дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Навгониҳо ва нуктаҳои илмӣ диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадии назариявӣ - методологӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди мавзуи илмӣ, инчунин робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ муайян ва асоснок карда шудаанд.

**Боби аввал «Асосҳои назариявӣ -методологии моҳияти хавфҳои молиявӣ ва омилҳое ба пайдоиши онҳо таъсиркунанда»** аз се зербоб иборат буда, заминаҳои назариявии пайдоиши хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳо, омилҳои ба пайдоиши онҳо таъсиркунанда ва усулҳои идоракунии хавфҳо, инчунин омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ баррасӣ менамояд.

**Дар боби дуюм «Таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии хавфҳои молиявии онҳо»** вазъи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани муаммоҳои рушди он, моделсозии арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин харитаи хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ҳамчун воситаи арзёбӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Боби сеюм «Роҳҳои такмили механизми арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ»** аз се зербоб иборат аст, ки дар он механизмҳои самаранокии арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, стратегияи идоракунии ба хавф нигаронидашуда,

инчунин татбиқи низоми идоракунии ба хавф нигаронидашуда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ баррасӣ карда шуд.

Дар қисми **«Хулоса ва тавсияҳо»** натиҷаҳои асосии кори илмӣ муайян ва асоснок карда шуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои мушаххас дода шудаанд.

Диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи "Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ ва амалиро касб намуда, хулоса ва пешниҳоди муаллиф оид ба арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок гардидаанд.

Хулоса, диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзӯи "Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори илмии мукаммали анҷомёфта ба ҳисоб рафта, он ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Муовини ректор оид ба илми ДДМИТ Сафаров Б.Г.

Имзои Сафаров Б.Г-ро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

15.10.2022 с.